ҶАМЪБАСТИ КУРСҲОИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ТАҲТИ УНВОНИ "ИДОРАКУНИИ ҲАЙАТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР" ВА "МАЛАКАИ САРВАРӢ" ДАР АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНӢ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 2 Март, 2025 - 13:33
[1]

Дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои такмили ихтисос барои хизматчиёни ҷавони дар захираи кадрҳобудаи мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ аз руйи барномаи "Идоракунии ҳайат дар замони муосир" ва барои занони

роҳбар ва дар захираҳои кадрҳобудаи мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ аз руйи барномаи "Малакаи сарварӣ" ҷамъбаст гардид.

Мутахассиси пешбари шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи забон Заробекова Маҳина дар курси " Идоракунии ҳайат дар замони муосир” ва мутахассиси бахши коргузорӣ ва назорат Муродова Ибодат дар курси " Малакаи сарварӣ" иштирок намуда соҳиби гувоҳнома шуданд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки курсҳои такмили ихтисос таҳти унвони "Идоракунии ҳайат дар замони муосир" ва "Малакаи сарварӣ" аз 24- уми феврал то 1-уми марти соли 2025 идома ёфт.

Баҳодиҳии муҳтаво: 1

Баҳои миёна: 1 (1 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

Манбаъ::http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/chambasti-kurskhoi-takmili-ihtisos-takhti-unvoni-idorakunii-khayat-dar-zamoni-muosir-va?page=30

Пайвандҳо
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250228-WA0042.jpg [2] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250228-WA0041.jpg [4] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250228-WA0042.jpg